# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

Дар бораи Тартиби таъмини кумаки тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ

Мутобиқи моддаи 181 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тартиби таъмини кумаки тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият, иҷрои қарори мазкурро таъмин намоянд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,

аз 26 феврали соли 2022, № 64

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 26 феврали соли 2022, № 64

тасдиқ шудааст

## Тартиби таъмини кумаки тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ

1. Тартиби таъмини кумаки тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони гирифтори бемориҳои руҳӣ (минбаъд - **Тартиб**) тартиби бо кумаки тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ таъмин намудани шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳиро муайян менамояд.

2. Расонидани кумаки тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ дар шаклҳои зерин кафолат дода мешаванд:

- кумаки тиббии рӯҳии таъхирнопазир;

- кумаки машваратию ташхисӣ, табобатӣ, пешгирикунанда, тавонбахшии саломатӣ дар шароити беморхонавӣ ва берун аз он;

- тамоми намудҳои экспертизаи бемориҳои рӯҳӣ, муайян намудани корношоямии муваққатӣ;

- нафақа, кумаки иҷтимоию маишӣ ва мусоидат оид ба бакортаъминкунии шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ;

- ҳалли масъалаҳои васоят;

- маслиҳат оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва дигар намуди ёрии ҳуқуқӣ дар муассисаҳои бемориҳои рӯҳӣ ва рӯҳу асаб;

- беҳтар кардани шароити иҷтимоию маишии маъюбон ва пиронсолони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ, ҳамчунин нигоҳубини онҳо;

- таълими маъюбон ва ноболиљони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ.

3. Кумаки тиббии рӯҳиро муассисаҳои бемориҳои рӯҳӣ (рӯҳу асаб) новобаста аз шакли моликият, дар ҳамкории зич бо хадамоти маҳаллии кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мерасонанд.

4. Мутахассисони тибби оилавӣ дар соҳаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, ки аз тайёрии махсус гузаштаанд, барои ташхиси бемориҳои рӯҳӣ ва табобати ҳолатҳои рӯҳафтодагӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳуқуқ доранд.

5. Муқаррар намудани экспертизаи бемории рӯҳӣ, қабули қарор ва додани хулоса барои баррасии судии масъалаи расонидани кумаки љайриихтиёрии тиббии рӯҳӣ аз ҷониби комиссияи табибони бемориҳои рӯҳӣ амалӣ карда мешавад.

6. Намудҳои кумаки тиббии рӯҳӣ:

- азназаргузаронии аввалияи тиббии рӯҳӣ;

- азназаргузаронии тиббии рӯҳии шахс;

- кумаки дармонгоҳии тиббии рӯҳӣ;

- кумаки беморхонавии тиббии рӯҳӣ;

- кумаки тиббию иҷтимоӣ дар муассисаҳои рӯҳу асаби соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ.

7. Азназаргузаронии аввалияи тиббии рӯҳӣ аз ҷониби равонпизишк муоина намудани шахсе мебошад, ки қаблан кумаки тиббии рӯҳӣ нагирифтааст ё аз мушоҳидаи диспансерӣ озод карда шудааст. Азназаргузаронии аввалияи тиббии рӯҳӣ барои муайян кардани мавҷудияти бемории рӯҳӣ ва зарурати расонидани ёрии тиббии рӯҳӣ гузаронида мешавад. Азназаргузаронии аввалияи тиббии рӯҳӣ ҳамчунин дар ҳолатҳое гузаронида мешавад, ки амали шахс метавонад:

- боиси расонидани зарари воқеӣ ба саломатии ӯ шавад ё метавонад ба ӯ ва атрофиёнаш зарари ҷиддии маънавӣ ё моддӣ расонад;

- боиси хавфнокии ӯ барои худ ва атрофиён гардад.

8. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи банди 7 Тартиби мазкур қарор дар бораи азназаргузаронии такрории аввалияи тиббии рӯҳии шахс аз ҷониби комиссияи табибони бемориҳои рӯҳӣ ё суд қабул карда мешавад. Аз рӯи натиҷаҳои азназаргузаронии такрории аввалияи тиббии рӯҳӣ дар бораи ҳолати саломатии рӯҳии шахс хулоса дода мешавад.

9. Кумаки дармонгоҳии тиббии рӯҳӣ ба шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ вобаста ба нишондодҳои тиббӣ дар шакли ёрии машваратию табобатӣ ё назорати диспансерӣ расонида мешавад.

10. Ёрии машваратию табобатӣ ба истиснои ҳолатҳои пешбинӣ намудаи қонунгузорӣ бо розигии шахс ё намояндаи қонунии он расонида мешавад.

11. Назорати диспансерӣ дар ташкилотҳои табобатию профилактикӣ ба амал бароварда мешавад. Ташкилотҳои табобатию профилактикие, ки кумаки дармонгоҳии тиббиро мерасонанд, вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд:

- азназаргузаронии аввалияи тиббии рӯҳӣ;

- кумаки машваратию ташхисӣ, табобатӣ ва пешгирикунандаи бемориҳои рӯҳӣ;

- мушоҳидаи диспансерӣ;

- кумаки иҷтимоию маишӣ ва ҳуқуқӣ;

- муайян намудани корношоямии муваққатӣ;

- иштирок дар ҳалли масъалаҳои васоят ва дар ҳолатҳои зарурӣ анҷом додани ин амал нисбат ба шахсоне, ки ғайри қобили амал эътироф шудаанд;

- ҳамкорӣ бо беморхонаҳои бемориҳои рӯҳӣ доир ба масъалаҳои дар беморхона хобонидан, ҷавоб додан ва таҳти назорати минбаъда гирифтан, инчунин муттасилӣ дар табобат ва омодагардонии меҳнатии шахсоне, ки гирифтори бемориҳои рӯҳианд;

- ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар кори пешгирии кирдори барои ҷомеа хавфноки шахсони рӯҳан бемор;

- ҳамкорӣ бо табибони дорои таҷрибаи умумӣ (табибони оилавӣ) дар соҳаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ доир ба масъалаҳои ташхиси бемориҳои рӯҳӣ ва расонидани ёрии таъҷилӣ ҳангоми сар задани ин гуна бемориҳо.

12. Мавҷуд будани бемории рӯҳӣ, ки муоина ё табобатро тақозо намуда, дар шароити дармонгоҳӣ (берун аз беморхона) гузаронидани онҳо имконнопазир аст, барои дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ хобонидани шахс асос шуда метавонад.

13. Муассисаҳои табобатию профилактикие, ки ёрии беморхонавӣ мерасонанд, амалҳои зеринро анҷом медиҳанд:

- табобат ва барқарорсозии иҷтимоию меҳнатии шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ;

- ташхиси клиникии шахсони дар беморхона хобонидашуда барои муайян кардани ҳолати саломатии рӯҳии онҳо ва муқаррар намудани ташхис;

- гузаронидани экспертизаҳои тиббии рӯҳии меҳнатӣ, ҳарбӣ, қобили амал ва судӣ;

- ёрии иҷтимоию маишӣ.

14. Барои ҷойгир намудани пиронсолон ва маъюбон, аз ҷумла ноболиғон дар муассисаҳои дахлдори рӯҳию асаби мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хулосаи комиссияи машваратию табибони бемориҳои рӯҳии муассисаи давлатии тандурустӣ ва санади муассисаҳои мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар хусуси мавҷуд будани бемории рӯҳӣ асос мебошад.

15. Шахсони дар банди 14 Тартиби мазкур пешбинишуда дар муассисаҳои дахлдори рӯҳию асаби мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ихтиёран тибқи аризаи хаттӣ, ноболиғон тибқи аризаи намояндаи қонунӣ ва шахсони ғайри қобили амал эътирофшуда бо қарори суд ҷойгир карда шуда, тартиби нигоҳдории онҳо аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

16. Таъмини ҳифзи иҷтимоии шахсони гирифторони бемориҳои рӯҳӣ, ки дар сархатҳои чорум, панҷум, шашум, ҳафтум ва ҳаштуми банди 2 Тартиби мазкур пешбинӣ шудааст, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба амал баровarда мешавад.

17. Вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Тартиби мазкур барои расонидани кумаки тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ масъул мебошанд.